# ПРОТОКОЛИ
## ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

аз 23.06.2022 №12 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: 17 нафар

РӮЗНОМА:

Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Мирбобоева Бибивахӣ Мирбобоевна дар мавзӯи “Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ).

ШУНИДА ШУД:

Ҷаласаро роҳбари семинари илмӣ-методӣ, муовини директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, номзади илмҳои педагогӣ Туронов С. кушода эълон намуда, ҳозиринро бо рӯзномаи ҷаласа шинос кард ва суханро ба унвонҷӯ Мирбобоева Б. барои маърӯза оид ба муҳтавои таҳқиқоти диссертатсиониаш дод.

Мирбобоева Б. оид ба мубрамияти мавзуъ, сатҳи омӯзиши илмии мавзуъ, мундариҷаи мухтасари бобу қисматҳои диссертатсия ва натиҷаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишии гузаронидааш мухтасар маърӯза кард ва ба саволҳои пешниҳодкардаи иштирокчиёни ҷаласа: д.и.п. Хуррамзода Р., н.и.п. Лутфуллоева П., н.и.п. Котибова Ш., н.и.п. Қурбонов С., Тоҳириён Ш. ҷавобҳои муфассал дод.

Сипас муқарризони холиси диссертатсия: Гулмадов Ф. - доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи педагогика ва таҳсилоти муосири Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ Котибова Шарифамоҳ - номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ мухтасар андешаву мулоҳизаҳои худро оид ба сатҳу сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ иброз намуда, дар маҷмуъ ба диссертатсия баҳои мусбат доданд ва диссертатсияро барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ тавсия карданд.

Иштирокчиёни ҷаласа Гулмадов Ф., Туронов С., Давлатшоев И. ва дигарон ба музокира баромада, андешаҳои худро оид ба таҳқиқоти илмии Мирбобоева Б. баён сохта, диссертатсияро мусбат арзёбӣ карданд.

Баъд раиси ҷаласа Туронов С. андешаҳои ироанамудаи муқарризон, иштирокчиёни ҷаласаро ҷамъбаст карда, аз ҷумла қайд кард, ки мавзӯи интихобнамудаи Мирбобоева Бибивахӣ Мирбобоевна дар мавзӯи “Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули

муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир" хеле мавзӯи муҳим буда, айни замон омӯзгорони тамоми муассисаҳои таълимӣ барои коркардҳои илмӣ-методӣ дар ин самт бешак ниёз доранд ва диссертатсия барои ташхиси давраи сеюм ба шӯрои диссертасионӣ пешниҳод карда шавад.

Ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ бо дарназардошти тавсияву пешниҳоди муқарризон ва фикру мулоҳизаҳои пешниҳоднамудаи дигар иштирокчиён

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Мирбобоева Бибивахӣ Мирбобоевна дар мавзӯи "Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир" кори мустақилона баанҷомрасида ҳисобида шуда, барои ҳимоя дар шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-030 - и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тавсия карда шавад.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ,
роҳбари семинари илмӣ-методӣ, муовини
директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи Таҳсилоти Тоҷикистон — Туронов С.

**Муқарризон:**
Доктори илмҳои педагогӣ, мудири
шуъбаи педагогика ва таҳсилоти муосири
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон — Гулмадов Ф.

Номзади илмҳои педагогӣ, мудири
шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва
ибтидоии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ — Котибова Ш.

Котиби ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ
котиби семинари илмӣ- методии
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба
номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи Таҳсилоти Тоҷикистон — Ҷонмаҳмадова Г.

Имзои С.Туронов, Ф. Гулмадов, Ш.Котибова ва
Г. Ҷонмаҳмадоваро тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳои
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба
номи Абдураҳмони Ҷомии
АкадемияиТаҳсилотиТоҷикистон — Ҳакимова Х.